*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон (734067, шаҳри Душанбе,*
*кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Тоҷикистон нақш ва аҳамияти комплекси агросаноатӣ барзиёд омӯхташуда, қайд гардидааст, ки соҳаи агросанотӣ дар тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат нақши заруриро бозида, низоми мавҷудбуда фишанги асосии танзими давлатии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, рушди онро таъмин менамояд. Аз ин ру актуалӣ будани мавзуи диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қаракул «Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон) ба маврид аст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ барзиёд коркард шудааст, ки он ҷанбаҳои минтақавии амали кардани стратегияи миллии рушд, оид ба ҷорӣ намудани навовариҳо бо назардошти таъсири камтарин ба муҳити зист ва сифати заминҳо, таҳияи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ҷолибияти соҳа, бахусус барои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби ташаккул ва таҳким додани занҷираҳои арзиши иловашуда ва баланд бардоштани дастрасӣ ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳо дар бозори ватанӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавассути ҳавасмандгардонии истифодаи усул ва технологияҳои нави кишоварзӣ, инкишоф додани бозори маҳсулоти кишоварзӣ ва аз байн бурдани мушкилоти дастрасии бозор барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ равона карда шудааст, имконият медиҳад.

Дар автореферат дар сатҳи зарурӣ равишҳо ва усулҳои арзёбии механизми мукаммалгардонии сохторҳои агросаноатӣ дар минтақа ошкор ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо муайян карда шуданд, ки онҳо вазъияти муосирро баҳо медиҳанд.

Ба ақидаи мо модели идоракунии комплекси агросаноатӣ, ки аз тарафи муаллиф пешниҳод шудааст имконият медиҳад, ки дар доираи он баҳодиҳии соҳаи кишоварзӣ, қобилияти меҳнати доштаи аҳолии минтақа, робитаву таъсири мутақобилаи омилҳои асосӣ ва принсипҳои афзоиши он ҳаматарафа омӯхта шаванд.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки дар он механизми муҳимияти соҳаи агросаноатӣ дар минтақаҳои кишвар, дар раванди бартарафкунии афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ тавассути таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ, пешгирии сатҳи бекорӣ ва ба кор даровардани заминҳои бекорхобида дар минтақа барзиёд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ба ақидаи мо роҳҳои такмили механизми мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар сатҳи зарурӣ асоснок ва пешниҳод шудаанд, ки онҳо ҳамчун механизми муҳими сиёсати давлатии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ истифода бурда шаванд.

Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ баъзе корҳо ба сомон расонида шудаанд, аммо агар ба масъалаи зерин аҳамият дода мешуд кор беҳтар мегардид:

1. Дар пешниҳоди аҳамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, бояд ба он далел асос шавад, ки то ҳадде дар иқтисодиёти муосир омӯзиши ин масъала муҳим ва зарурӣ мебошад. Муаллиф танҳо масъалаҳои умумии сохторҳои ҳамгироишудаи кишоварзии минтақаро бо назардошти он, ки мавзӯи омӯзиш ба мушкилоти мукаммалгардонии чунин сохторҳо дар шароити муосири иқтисодӣ бахшида шудааст, асоснок мекунад.

Камбудии нишондодашуда ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва характери пешниҳодӣ доранд. Автореферат ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро дар бар мегиранд. Дар маҷмуъ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки диссертстияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" дар сатҳи зарурии илмӣ омода гардида аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ тавсия дода мешавад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи омори**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Мирзоев Сайали Сайвалиевич**

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Хиёбони Рудаки 17.
Тел.: (+992. 37) 2217711
E-mail: info@tnu.tj

Имзоҳо: Мирзоев С.С.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

26.05-23